**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ДАСТУРАМАЛ

# ОИДИ ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ АУДИТИ ДОХИЛӢ ДАР БАХШИ ДАВЛАТИ

Душанбе -2013

**Аудити мунтазами нақшавӣ**

1. Омодасозӣ ва банақшагирии супоришҳои аудиторӣ.
2. Тасдиқ ва инъикоси чараёни санҷиш.
3. Ҳаммонандии мақсадҳои назорат.
4. Ҳаммонандии хавфҳо ва баҳодиҳии чораҳо ва механизми назорат.
5. Санҷиши чораҳои назорат.
6. Мурратаб сохтани хулосаҳо.
7. Гузоришҳо оиди аудитҳо.
8. Нақшаи амал.
9. Аудитҳои минбаъда.
10. Маълумот оиди супоришҳои аудитӣ.

*1. Таҳия ва банақшагирии вазифаҳои аудиторӣ*

**1.1.Таҳқиқоти пешакӣ**

Қабл аз оғози банақшагирии санаи санҷиши аудиторӣ, бояд таҳқиқоти пешакӣ, ки мақсадҳои зеринро дар бар мегирад, гузаронида шавад:

а) омӯзиши гузоришҳо аз санҷишҳои аудитории қаблӣ;

б) шарҳи буҷет ва маълумотҳои идоравӣ;

в) шарҳи қонунгузорӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва қоидаҳо, дастурамалу фармоишҳова ғайра, ки ба супориш алоқаманд мебошанд.

**1.2. Оғози санҷиши аудиторӣ**

Қабл аз оғози иҷрои супориши аудиторӣ, ки дар нақшаи солонаи санҷишҳо дохил гардидааст, фармон гирифтан зарур аст, ки он бояд омилҳои зеринро муайян намояд:

- низом ва ҷараёне, ки нисбати онҳо санҷиш гузаронида мешавад;
- мақсадҳои супоришҳои аудиторӣ;
- ҳайати гуруҳ бо нишондоди роҳбари гуруҳи аудиторӣ;
- муҳлате, ки бояд гузориши хотимавии санҷиши аудиторӣ пешниҳод гардад.

Вобаста ба ин, аудитор то оғози иҷрои супориш, бояд ба қароре ояд, ки кадом техника, усул ва тартибҳои санҷиш бо назардошти мақсадҳои санҷиши аудиторӣ ва ҳама корҳои қаблан гузаронидашудаи аудиторӣ нисбатан мувофиқ аст.

Манбаҳои маълумот бояд омилҳои зеринро дар бар гиранд:

- ҷузъдон бо ҳуҷҷатҳо ва ҳуҷҷатҳои тафтишоти пешинаи аудиторӣ;
- дастурҳои ташкилию расмиёти дар муассиса истифодашаванда;
- ҷамъоварии далелҳои зарурӣ, ки натиҷаи мушоҳидаҳоро тасдиқ менамояд.
- ҳуҷҷат ва маводҳои хаттии дар раванд истифодашаванда;
- ҳама гуна дигар гузоришу ҳисоботе, ки ба муассиса дахл доранд ва нисбати онҳо санҷиши аудитӣ гузаронида мешавад;
- маълумоти ба буҷет ва ҳисобот дахлдошта;

Дар оғози кори аудиторӣ, роҳбари гуруҳи аудит уҳдадор аст:

- ҳайати гуруҳро расман ба роҳбари муассиса муаррифӣ намояд;
- дар шакли умумӣ, санҷиши аудитории пешбинишуда ва методологияи кории пешбинишударо, шиносонад;
- ба санҷишшавандаҳо фаҳмонад, ки гуруҳи аудиторон мунтазам оиди рафти санҷиш ба онҳо маълумот пешниҳод менамоянд;

- оиди раванд ё, ки объекти санҷиши аудиторӣ мебошад, маълумотҳои иловагӣ талаб намояд;

## 2. Тасдиқ ва инъикоси ҷараёни санҷиш

### 2.1. Фарогирии инъикоси ҷараёни санҷиш

Инъикоси ҷараёни санҷиш бояд то ҳадде муфассал бошад, ки имкони дарки, ки то кадом андоза назорати дохилӣ натиҷа додааст, дода тавонад.

Зимни навишти ҷараёни санҷиш омилҳои зерин муҳиманд:

- инъикоси фаъолият дар ҳамон шакле, ки воқеан амал мекунад;
- ҷамъоварӣ намудан ва навиштани ҳама гуна амалиёту равишҳое, ки ҷараёни корро дар бар гирифта, объекти санҷиши аудиторӣ маҳсуб меёбанд;
- диққат додан ба мавҷудияти механизми назорат;
- танҳо он унсурҳои ҷараёни корро қайд намудан лозим аст, ки барои иҷрои баҳодиҳии аудиторӣ зaруранд;
- танҳо ҳуҷҷатҳои зарурӣ нусхабардорӣ карда шаванд;
- ба инобат гирифта шавад, ки инъикоси фаъолият, ки дар ҳуҷҷатгузорӣ нигошта мешаванд, метавонад нопурра ва куҳнашуда бошад.

Дар навиштаҷоти ҷараёни санҷиш бояд манбаи малумотҳо низ нишон дода шавад.

### 2.2. Ҳуҷҷаткунонии ҷараёни санҷиш

Навиштаҷоти каломӣ қайди муфассал буда, омилҳои зеринро дар бар мегирад:

- натиҷаҳои матлуб ва мақсадҳои ҷараёни санҷиш;
- алоқа бо дигар ҷараёнҳо;
- тақсимоти масъулият ва салоҳият;
- ҳама механизмҳои асосии назорат;

Сарлавҳаи маводу бобҳо бояд бо мақсади пешниҳоди маълумоти возеҳу равшан, аз рӯи маъно пай дар пай навишта шаванд. Дар ҳар маврид, қайд намудани сарчашмаи маълумот ва ному насаби он шахсоне, ки бо онҳо суҳбат гузаронида шудааст, зарур аст. Бояд матни ҷараёни санҷиш дар шакли мухтасару оммафаҳм таҳия гардад.

### 2.3. Таҳияи барномаи аудит

Зимни таҳияи Барномаи санҷиши аудиторӣ, бояд механизм ва чораҳои назорат барои ноил гардидан ба мақсадҳо ҳаммонанд карда шаванд; хавфҳои эҳтимолӣ муайян карда шаванд; механизму чораҳои назорат баҳогузорӣ карда шаванд; нисбат ба фарогирии санҷиш қарор қабул карда шавад; оиди натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ дар маҷмӯъ ва ё фаъолияти аудитории конкретӣ ва ё амалиёт, маълумот пешниҳод карда шавад.

Ин имкон медиҳад, ки аз рӯи корҳои аудитории гузаронидашуда мунтазам назорат бурда шавад, то ки мавриди зарурӣ, бо тамоми ҷузъиёти ҷараёни кор шиносоӣ пайдо шавад ва боварӣ ҳосил гардад, ки тафтишоти аудиторӣ мувофиқи стандартҳои касбӣ гузаронида мешавад.

## 3. Ҳаммонандии мақсадҳои назорат

Барои муайян намудани иҷроиши зарурии вазифаҳои ҷараён, бояд мақсади назорат муқаррар ва аниқ карда шавад, то барои дастгирии хулосаи касбии аудитор оид ба самараноку мувофиқ будани назорати дохилӣ бо далелҳои зарурӣ собит карда шавад.

Мақсадҳои назорат бояд бо мақсадҳои идоракунӣ дар муассиса мувофиқат кунанд ва бояд бо роҳбарият то оғози кор доир ба баҳодиҳии чораҳо ва механизми назорат, баррасӣ ва мувофиқа карда шавад.

### 3.1. Муқаррар ва мураттаб сохтани мақсадҳои назорат

Мақсадҳои назорат бояд чунин талаботи умумии назоратро дар бар гиранд:

- истифодаи сарфакорона ва самараноки маблағ;
- пешгирӣ ва ошкор намудани ходисаҳои қаллобӣ ва суйистифодабарӣ;
- эътимоднокӣ ва комилан мувофиқ будани маълумоти идоракунӣ;
- риояи қонунгузорӣ;
- бехатарии активҳо;
- пуррагӣ ва саҳеҳии ҳуҷҷатҳои муҳосибавии ташкилот.

Мақсадҳои назорат бояд бо мазмуни мушаххас алоқаманд бошад ва таъиноти назоратро муайян намояд.

### 3.2. Бақайдгирии мақсадҳои назорат

Баъд аз муайян намудани мақсадҳои назорат, бояд онҳо дар Барномаи санҷиши аудитӣ, ки он ботадриҷ барои ҳар як давраи аудит пур карда мешавад, сабт гарданд.

## 4. Ҳаммонандии хавфҳо ва баҳодиҳии чораҳо ва механизми назорат

### 4.1. Ҳаммонандии хавфҳо

Хавф бояд дар марҳилаи банақшагирӣ ва дар марҳилаи гузаронидани худи санҷиши аудиторӣ баҳогузорӣ карда шавад.

Баъд аз муайян намудани ҷараёни назорат, бояд зарурати илова намудани механизмҳои назорат ба онҳое, ки аллакай дар оғози ҷараёни аудит муқаррар шудаанд, муайян карда шаванд. Муайян намудани хавф ва қайди он барои ҳар як мақсадҳои назорат талаб карда мешавад. Ин қабули қарорро барои муқаррар намудани санҷише, ки бояд гузаронида шавад, инчунин барои муайян намудан, ки дар кадом сатҳ санҷиш зарур аст, осон мегардонад.

Хавфи хатари иҷро нагардидани мақсадҳоеро, ки барои ҷараёни санҷиш пешбинӣ гардидаанд, ба миён меорад. Ҳангоми иҷрои ҷараёни кор, хатогиҳои зиёд метавонад пайдо шаванд. Инҳо метавонанд хатогиҳои беғаразона (нофаҳмӣ, дараҷаи ихтисоси нокифоя ва ғ.), инчунин хатогиҳои ғаразнок (суийстифода, ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ва азхудкунӣ) бошанд.

Аудитор бояд бо роҳбари муассисае, ки дар он санҷиши аудиторӣ гузаронида мешавад, хавфҳоеро ки ӯ муайян кардааст ва таснифи онҳоро муҳокима намояд, то ки ягон омил нодида намонад. Бояд кори худро бештар дар самтҳое, ки сатҳи хавфҳояшон баланд аст, равона созад.

### 4.2. Муайян сохтани чораҳои асосӣ ва механизмҳои назорат

Барои ҳар як хавф бояд тадбирҳо ва механизми назорати мансуб ба идоракунии хавфҳо муайян гардад. Дар Барномаи санҷиши аудитӣ бояд маълумоти пурра оиди чораҳо ва механизмҳои назорат ворид карда шавад. Муҳим аст, то чораҳои воқеӣ ва механизмҳои назоратии воқеан вуҷуддошта ба қайд гирифта шаванд. Инчунин, лозим аст, ки дар бораи назорат аз ҷониби кӣ ва дар куҷо амалӣ мегардад, маълумоти мушаххас ворид карда шавад.

### 4.3. Баҳодиҳии чораҳо ва механизмҳои назорат

Баҳодиҳии чораҳо ва механизмҳои назорат ду марҳиларо дар бар мегирад:

- баҳодиҳии консепсияи таҳияшуда, сохтор ва механизмҳои назорат, бо мақсади муқаррар кардани комилан мувофиқ будани назорат;
- баҳодиҳии низоми кор бо мақсади муқаррар намудани самаранокии назорат.

### 4.3.1. Баҳодиҳии консепсияи таҳияшуда, сохтор ва механизмҳои соҳа (комилан мувофиқ будани назорат)

Масъала оиди он, ки оё бо кумаки чораҳои муайян ва механизмҳои назорат, ки элементҳои зеринро дар бар мегиранд, ба мақсадҳои назорат ноил гардидан мумкин аст, ё не, баррасӣ карда шавад:
- баҳодиҳиро бояд аз чораҳо ва механизмҳои дараҷаи олӣ оғоз намуд (масалан, банақшагирӣ ва идоракунии хавфҳо) то сатҳи нисбатан пасттар, ки ба транзаксияҳои инфиродӣ мансуб мебошанд, равона кард;
- бояд чораҳо ва механизмҳои назорат ҳамоханг карда шаванд, то ки барои иҷроиши мақсадҳо имконият фароҳам оранд;
- бояд чораҳо ва механизмҳои назорати нодаркор ва дигар омилҳое, ки хароҷоти зиёдро талаб мекунанд, ошкор карда шаванд.

Муқаррар намудани чораҳо ва механизмҳои назоратие зарур аст, ки тавонад хавфҳоро пешгирӣ ва ё ошкор намоянд ва идоракунии онҳоро таъмин намояд. Агар чораҳо ва механизмҳои назорат хавфро пешгирӣ ва ё ошкор намуда тавонанд, ин хулоса бояд дар Барномаи санҷиши аудитӣ навишта шавад. Баъдан, бояд ҳолати воқеии амалигардонии чораҳо ва механизмҳои назорат санҷида шавад.

Агар чораҳо ва механизмҳои назорат қобили пешгирӣ ва ё муайян кардани хатогиҳо ва ғайра. набошанд ва ё дар ҳолате ки чораҳо ва механизмҳои назорат умуман вуҷуд надошта бошанд, ин бояд дар Барномаи санҷиши аудитӣ нишон дода шавад.

## 5. Санҷиши чораҳои назорат

### 5.1. Зарурати гузаронидани санҷиш

Роҳбарият уҳдадорaст, ки мувофиқатсозии низоми назорат ва истифодаи онҳоро барои риояи тартиби муқарраргардида, ҳифзи активҳо, дурустии қайдҳои молиявӣ ва ғайра, таъмин намояд.

Санҷиши аудиторӣ қисми баҳодиҳии мустақили назорати дохилӣ баҳисоб меравад. Ин санҷишҳо:
- тасдиқ мекунанд, ки роҳбарият санҷишҳо мегузаронад;
- хатоиҳоеро, ки роҳбарият метавонад ба онҳо роҳ диҳад, ошкор менамояд.

Бо гузаронидани санҷиши аудиторӣ омилҳои зеринро таъмин намудан зарур аст:

- банақшагирии дурусти санҷишҳо аз ҷониби аудит;
- вуҷуд доштани далелҳои якхелаи санҷишҳои гузаронидашуда;
- хулосаҳо пурра бо санҷишҳои гузаронидашуда тақвият дода мешавад, таъмин мегардад.

Аудиторони дохилӣ ҷараёни корро баҳо медиҳанд ва мулоҳизаҳоро оиди он ки то чӣ андоза назорат мувофиқи мақсад ҳаст ё не, тасдиқ мекунанд.

Ду намуди асосии санҷишҳо вуҷуд доранд: санҷиши мувофиқат ё аз рӯи воқеият.

**5.2. Санҷиши мувофиқат**

Мақсади санҷиши мувофиқат аз он иборат мебошад, ки то чӣ андоза тартиботи назорати дохилӣ дуруст истифода бурда мешаванд, оё онҳо эътимод доранд ва самаранок фаъолият намудани онро дар тамоми давраи санҷиш кафолат медиҳанд.

Мақсади асосии санҷиши мувофиқатнокӣ, ин ошкор намудани хатогиҳо ё ин, ки эҳтимолияти фиреб набуда, балки муқаррар намудани тартиботи назорате мебошад, ки нодуруст истифода бурда мешавад.

Барои муайян намудани он, ки чораҳои назорати дохилӣ амал мекунанд, бояд санҷиши мувофиқатнокӣ бо роҳи назорат аз рӯи ҳолатҳои алоҳидаи интихобшуда, воқеаҳо ё ин ки элементҳо гузаронида шавад.

Бояд баҳогузорӣ шавад, ки то кадом андоза тартиботи назорати дохилӣ дар давраи аудит ба таври муносиб истифода шудаанд.

Зимни муайян намудани як ё якчанд чунин ҳолатҳо, бояд хавфҳи онҳоро дар madди назар қарор дода, муайян карда шавад, ки оё ин хавф ба таври дахлдор ба инобат гирифта шудааст. Дар мавриди зиёд будани хавфҳо, бояд шумораи санҷишҳои банақшагирифта зиёд карда шавад.

**5.3. Санҷишҳо аз рӯи воқеият**

Агар зимни санҷиши мувофиқатнокӣ муайян гардад, ки чораҳои назорат сустанд ва ё мувофиқ нестанд, пас бояд санҷишҳо бевосита аз рӯи воқеият гузаронида шавад. Ин санҷишҳо ду мақсад доранд:
- муайян намудани зарари воқеъи ва;
- тавассути аудити дохилӣ ба баҳодиҳии ҳолати умумии назорат дар ташкилот мусоидат намудан.

Натиҷаҳои кори мазкур:
- пешниҳод намудан ба роҳбарият оид ба нарасидани зарари ҷиддӣ дар натиҷаи паст гардидани назорат, ё ки

- пешниҳод намудан ба роҳбарият, ки дар натиҷаи назорати суст зарарҳои ҷиддӣ ба ташкилот расонида шудааст ва бо ҳамин восита роҳбариятро барои андешидани чораҳои дахлдор омода намудан.

**5.4. Барномаи санҷишҳо**

Пеш аз шурӯъ намудан ба ҳар як санҷишҳо, бояд муайян карда шавад, ки:

- кадом масъалаҳо мавриди санҷиш қарор дода мешавад;
- ҳар як намуди санҷиш чигуна таъинот дорад;
- чӣ тавр санҷишро амалӣ намудан лозим аст.

Дар вақти гузаронидани санҷиш чунин чораҳоро андешидан зарур аст:

- маълумот оиди ҳар як масъала бояд дар ҳуҷҷати алоҳидаи корӣ сабт карда шавад;
- оид ба натиҷаҳои санҷиш бояд қайдҳои хотиравии аудит навишта шаванд;
- тамоми санҷишҳо ва қайдҳои хотиравии аудит бояд дар Барномаи аудитӣ дарҷ карда шаванд.

***6. Мураттаб сохтани хулосаҳо***

Дар ин марҳила аудитор пеш аз он, ки дар назди роҳбарияти аудит ва роҳбарияти соҳаи фаъолият, ки аз аудит гузаштааст, ҳисобот диҳад, натиҷаи корҳои анҷомдодаро баррасӣ менамояд. Қайдҳои хотиравӣ ва хулосаҳоро дар ҳар як лаҳзаи алоҳидаи ҷараёни баҳодиҳӣ ва санҷишҳо ба инобат гирифтан муҳим аст.

**6.1. Қайди хотираҳои аудит**

Шакли қайди хотиравии аудит барои муқаррар намудани сабабҳои пайдо гардидани проблемаҳо ё ин, ки мушкилиҳо, ки ҳангоми рафти баҳодиҳии низоми назорат ошкор шудаанд ва барои додани тавсияҳои дахлдор, таҳия мегардад.

Ин шаклро дар рафти санҷишҳо бо муқаррар намудани намуд ва муҳимияти мушкилиҳои муайян намудаи назорат пур кардан лозим аст. Дар ҳама холатҳо, бояд мушкилиҳои бо ҳам алоқаманд дар шакли хулосаҳои ҷамъбастии аудит гуруҳбандӣ карда шаванд. Ин амал зимни таҳияи банақшагирии гузориш оид ба аудит кӯмак хоҳад кард.

## 7. Гузоришҳо оиди аудитҳо

Гузоришҳо оид ба аудит бояд барои баҳодиҳии умумии эътимоднокии системаи назорати дохилӣ, ки барои роҳбари ташкилот пешниҳод мегардад, асос бошад

### 7.1. Мақсадҳои гузориш оид ба аудит

Мақсадҳои асосии гузориш инҳоянд:

- маълумот додан оид ба мушкилиҳои ошкоршуда ва сабабҳои пайдоиши он;
- фаҳмонидани оқибати ин мушкилиҳо;
- пешниҳод намудани таҳлил ва баҳогузориҳо бо нишон додани самтҳое, ки сарфаю самараи бештар ба даст овардан ва роҳ надодан ба талафот мумкин аст;
- бовар кунонидани роҳбарият барои зарур будани дигаргуниҳо;
- пешниҳод намудани роҳи ҳалли қулай ва сарфакорона;
- таъмини андешидани чораҳои зарурӣ.

### 7.2. Сохтори гузоришҳо оид ба аудит

Сохтори мушаххаси гузоришро оид ба аудит бояд роҳбари аудити дохилӣ муайян намояд.

*Гузоришҳои стандартӣ оид ба аудит бояд дорои чунин мазмун бошанд:*

- Варақаи унвонии гузориш (сарлавҳа)
- Саҳифа бо мундарича
- Хулосаи хизматӣ
- Нақшаи амал
- Гузориши муфассал
- Замимаҳо

*Меморандумҳо доир ба аудит* иборатанд аз:

- Муқаддима
- Хулоса
- Як қатор матнҳои алоҳида бо сарлавҳаҳои дахлдор барои хулосаҳои муфассал ва тавсияҳо.

#### 7.2.1. Маърӯзаҳои стандартӣ оид ба аудит

***Варақаи унвони гузориш***

Он сарлавҳаи гузориш, санаи нашр ва рақами онро дар бар мегирад.

***Саҳифа бо мундариҷа***

Он номгӯи гузориш, маълумотҳо дар бораи ҳамаи қисмҳои асосии гузориш ва рӯйхати замимаҳоро дар бар мегирад.

***Хулосаи хизматӣ***

Хулосаи хизматӣ бояд алоҳида ва фарогири нуктаҳои зерин бошад:

- фарогирӣ ва мақсадҳои асосии аудит;
- аудит ба кадом мақсад гузаронида шуд
- намуд ва масоҳати низом ва ё фаъолият, ки мавриди баррасӣ қарор доштанд.
- хулосаҳои асосии аудит; ва
- тавсияҳои асосӣ.

Хулосаи хизматӣ набояд аз се саҳифаи чопӣ зиёд бошад ва қисмҳои зеринро дар бар гирад.

***Муқаддима ва маълумоти умумӣ, ки иборатанд аз:***

- Маълумотҳое, ки ба соҳае, ки таҳти санҷиш қарор гирифта шудаанд, алоқаманданд;
- Фарогирӣ ва мақсадҳои асосии аудит;
- Унсурҳои муҳиме, ки аз баррасӣ хориҷ карда шудаанд ва баёни сабабҳои он;
- Кай ва барои чӣ аудит гузаронида шудааст.

***Хулосаҳои асосӣ*** – хулосаҳои муҳим бояд ба таври дақиқ дар гузориши муфассал баён гарданд.

***Тавсияҳои асосӣ*** –номбар кардани танҳо тавсияҳои махсусан афзалиятнок дар Нақшаи амал овардашуда, ки ҳар яки он бояд бо як ва ё якчанд хулосаҳо алоқаманд бошанд.

***Нақшаи амал*** – тамоми тавсияҳоеро, ки дар гузориши муфассал дарҷ шудаанд, номбар мекунад.

### 7.2.2. Гузориши муфассал

***Андоза (формат)***

Матни асосии гузориш бояд аз рӯи мавзӯъҳои дахлдор ба қисмҳо тақсим шавад, ки ҳар яки он бояд сарлавҳаи худро дошта бошад. Тартиби қисмҳо дар рафти банақшагирии гузориш муайян карда мешавад ва метавонад, муҳимияти нисбии қайдҳои аудитиро инъикос намояд ва дар асоси тартиботи хронологӣ таҳия карда шавад.

Тавсияҳо аз рӯи санҷишҳои гузаронидашуда дар охири ҳар як қисм оварда мешаванд. Агар қисм якчанд масъалаҳоро баррасӣ намояд, пас тавсияҳоро баъд аз баррасии ҳар як қисм ҷойгир намудан мумкин аст.

***Мундариҷа***

Ҳар як қисм бояд нисбати хулосаҳои дахлдор тафсилоти муфасал дошта бошад. Сабабҳои асосии камбудиҳо ва инъикоси онҳо дар намудҳои алоҳидаи фаъолият ва ё сатҳи назорат бояд қайд гардад.

Инчунин тавсияҳоеро, ки барои бартараф сохтани камбудиҳои асосӣ равона гардидаанд, дохил намудан зарур аст.

Матни навиштаҷот то ҳаҷми барои муайян намудани моҳият ва андозаи камбудиҳои муқарраркарда шуда бояд маҳдуд карда шавад.

Гузориш бояд вазъияти воқеиро инъикос кунад. Шарҳу эзоҳҳои субъективӣ қобили қабул нестанд. Дар ҳолатҳое, ки зарурати такя намудан ба баҳогузорӣ ва ё заминаҳо ба миён меояд, асоси он бояд возеҳ нишон дода шавад.

***Тавсияҳо***

Тавсияҳои таҳиягардида бояд чунин бошанд:
- бояд бо маълумотҳои боэътимод асос ёфта бошанд;
- ба сабабҳои асосии мушкилиҳо равона карда шуда бошанд, на балки танҳо ба зуҳуроти онҳо;
- дақиқ баён намудан, ки чӣ чораҳои мушаххас бояд андешид;
- пешниҳод намудани шахсоне, ки барои андешидани чораҳо ҷавобгӯ мебошанд;
- возеҳ, кӯтоҳ ва содда;
- яккамаъно;
- қобили иҷро;
- ҳар як тавсия бояд ба саволи алоҳида равона карда шавад.

Агар ташкилоти аз аудит гузашта, аллакай чора андешида бошад ва ё барои андешидани чораҳо розӣ бошад, пас ин далел бояд дар гузориш ёдрас карда шавад.

### 7.2.3. Хотимаи гузориш

Пеш аз ба анҷом расонидани гузориш, бояд аз рӯи масъалаҳои зерин якчанд санҷиш гузаронида шавад:

*1) Хулосаи хизматӣ*

а). Дурустии инъикоси масъалаҳои асосӣ ва хулосаҳое, ки дар гузориши муфассал қайд гардидаанд.

б). Тавсияҳо ба кадом хулосаҳо мансубанд;

*2) Гузориши муфассал*

а). Оё хулосаҳо мувофиқ ва пурмазмунанд;
б). Асосноккунии зарурати қабули чораҳои ислоҳкунанда;
г). Таъсири тавсияҳо барои ислоҳи самараноки сабабҳои асосии мушкилиҳои мавҷудбуда.

**8. Нақшаи амал**

Нақшаи амал барои қайд ва назорати амалиёт, ки бо тавсияҳои аудити дохилӣ аз ҷониби роҳбарият пешбинӣ гардидаанд, аҳамияти муҳим дорад. Нақшаи амал бояд барои ҳар як гузориши стандартӣ оиди аудит таҳия карда шавад.

Он ҳамаи тавсияҳоро, ки дар гузориш қайд гардидаанд, номбар карда, нишон медиҳад:
- шарҳи роҳбарият
- шахси масъул барои андешидани чораҳо; ва
- мӯҳлатҳо барои андешидани чораҳо.

**8.1. Кор бо нақшаи пуркардашудаи амал**

Нақшаи амал бояд якҷоя бо лоиҳаи гузориш оид ба аудит фиристонида шавад ва дар муддати даҳ рӯзи корӣ пур карда шуда, бо шарҳу эзоҳҳои роҳбарият баргардонида мешавад. Нақшаи пуркардашудаи амалро баррасӣ намудан зарур аст, то ки боварӣ ҳосил гардад, ки:
- Тавсияҳо қабул гардидаанд;
- Вариантҳои алтернативии пешниҳоднамудаи роҳбарият қобили қабуланд;
- Шахсони босалоҳият, ки барои иҷроиши ҳар як тавсия масъул мебошанд, таъин карда шудаанд;
- Санаҳои мушаххас барои иҷроиш муайян карда шудаанд.

Нақшаи амали пуркардашуда бояд ба матни омодагардидаи гузориш дохил карда шавад. Дар асоси нақшаи амал, роҳбари аудити дохилӣ бояд мӯҳлати аудити минбаъда ва агар зарур бошад, то расидани санаи аудити дигари нақшавӣ муайян кунад.

**9. Аудитҳои минбаъда**

Аудиторони дохилӣ бояд бо мақсади санҷидани он ки то чӣ андоза тавсияҳои онҳо амалӣ гардидааст, аудитҳои минбаъда гузаронанд.

Мӯҳлатҳои аудитҳои минбаъда бояд дар алоқамандӣ бо аҳамият ва инъикоси тавсияҳо ва дараҷаи муҳимияти ҷараён, ки аудит гузаронида шудааст, муайян гардад. Ҳамзамон, бояд мӯҳлатҳои иҷроиш, ки дар Нақшаи амал нишон дода шуда, аз ҷониби Роҳбарият муқаррар гардидаанд, ба инобат гирифта шаванд. Муҳим аст, то ки мӯҳлати аудитҳои минбаъда

дар нақшаи кӯтоҳмуддат (то як сол) пешбинӣ гарданд ва баъди ба итмом расидани ҳар як аудити доиргардида, аудитҳои минбаъдаи мушаххас ба нақша гирифта шаванд.

### 9.1. Муайян намудани муҳлати мушаххаси аудити минбаъда

Ин метавонад дар бар гирад:

- таҳлили байнифосилавии низом ва чораҳои назорат;
- аудити пурраи чараён бояд муайян кунад, ки оё чораҳои зарурӣ оиди самаранокии механизмҳои назорат андешида шуда буданд, ё ин ки агар роҳбарият оиди муайян намудани оқибатҳои набудани назорат чораҳо наандешида бошад.

Барои ба таҳлили байнифосилавӣ ва ё аудити пурраи чараён шурӯъ намудан, бояд омилҳои зерин муайян гарданд:

- хавф, муҳимият ва воқеияти чараён;
- тағйирёбии мақсад ва афзалиятҳо дар муассиса, ки баъд аз аудит пайдо гардидаанд;
- мӯътадилии раванд;
- сатҳи тағйирёбиҳо, ки дар гузориш оиди аудит тавсия дода шудаанд;

### 9.2. Чораҳои минбаъда ҳамчун қисми аудити навбатӣ

Истифодаи чораҳои минбаъда, ки то чӣ андоза ичро гардидани тавсияҳои дар аудити охирин дода шударо муайян менамояд, ҳангоми гузаронидани ҳар як аудити нақшавӣ ҳамчун таҷрибаи стандартӣ ба ҳисоб меравад.

Зарурат, ки ин бояд дар оғози гузаронидани аудит ичро гардад, зеро ба ҳамин тариқ нақшаи амал метавонад мувофиқ гардонида шавад. Гузориш оид ба аудит бояд ҳамаи чораҳои навбатиро, ки зимни гузаронидани аудит заруранд, нишон диҳад.

### 10. Маълумот оиди супоришҳои аудитӣ

Ҳуҷҷатҳои корӣ ва ҳамаи ҳуҷҷатгузории дигар, ки бо вазифаҳои аудитӣ алоқаманд мебошанд, бояд ба таври возеҳ ва аз рӯи мантиқ тартиб дода шаванд, то дар мавриди зарурат, фаҳмида шавад, ки чӣ корҳо ба анҷом расонида шуданд. Маълумотномаҳо бояд дар шакли электронӣ ва ё чопӣ нигоҳ дошта шаванд.

Нигоҳ доштани маълумотномаҳои аудитҳо:

- имкон медиҳад, ки аудит ба таври мантиқӣ гузаронида шавад

- дар таъмини фарогирии васеъ мусоидат мекунад
- ошкор намудани сустӣ ва тартиб додани хулосаҳои дурустро осон месозад.
- имкон медиҳад, ки рушду хулосаҳо осон таҳлил гарданд.
- таҳияи гузоришро осон мегардонад

Барои ҳар як аудит бояд ҷузъдони доимӣ ва ҷузъдонӣ ҷорӣ пур карда шавад.

*Ҷузъдони доимии аудит* – тамоми маълумоти ҷараёни баррасишавандаро дарбар мегирад ва бояд дар оғози ҳар як аудити нави ин раванд омӯхта шавад ва ғайра. Онро дар анҷоми ҳар як аудит нав кардан лозим аст.

*Ҷузъдони ҷории аудит* – тамоми маълумотҳоро, ки дар доираи аудити ҷорӣ ҷамъ карда шудаанд, ҳуҷҷатнигорӣ мекунад ва ҳама маълумотҳоро оиди аудити ҷорӣ, аз муайян кардани фарогирӣ ва мақсадҳо, то татбиқи Нақшаи иҷроиш дар бар мегирад. Ин ҷузъдон бояд дар ибтидои аудит ташкил дода шуда, дар рафти аудит пур карда шавад.

**Таҳлил**

Роҳбари аудити дохилӣ бояд мунтазам ҳама корҳоеро, ки дар давоми аудит анҷом дода мешавад, таҳлил кунад. Ҳуҷҷатҳои кории тайёршуда бояд санҷида шаванд, то ки мувофиқати онҳо бо уҳдадориҳои стандартии пешбинишуда таъмин гардад ва муайян бошад, ки онҳо бо хулосаву мулоҳизаҳои аудит алоқаманданд. Бояд кафолате бошад, ки баҳодиҳӣ ва усулҳои санҷиш барои раванде, ки нисбати он аудит гузаронида мешавад, мувофиқ мебошад.

Фарогирӣ ба таҳлил вобаста ба таҷрибаи фардӣ ва душвории вазифа тағйир меёбад, лекин он бояд тавре бошад, ки роҳбари аудити дохилӣ боварӣ пайдо кунад, ки хулосаҳо асосноканд ва бо далелҳои муносиб, боэътимод ва кофӣ мукаммал гардонида шудаанд. Дар баробари ин, бояд муқаррар гардад, ки ҳама унсурҳои нақша ба таври қаноатбахш иҷро гардидаанд.

**Уҳдадориҳои мушаххас доир ба назорат ва таҳлил**

Уҳдадориҳо оиди назорат аз рӯи аудит омилҳои зеринро дарбар мегиранд:

- таҳлил ва мувофиқати фарогирӣ ва мақсадҳои ҳар як аудит;
- банақшагирии муфассали аудит;
- ахборот додан ба роҳбарияти муассиса дар бораи мақсадҳои аудит, муҳлат ва давомнокии он;
- таҳлили мунтазами аудити гузаронидашуда;

- таъмини мутобиқат ва сифатнокии кофии ҳуҷҷатҳои корӣ ва дигар ҳуҷҷатгузорӣ;
- таъмини тартиб додани хулосаҳои якхела дар асоси хулосаҳои аудитӣ;
- таҳлили гузориш оид ба аудит бо мақсади боварӣ ҳосил намудан, ки он хулосаҳои аудитиро инъикос ва ба стандарти гузоришҳо доир ба аудити дохилӣ мувофиқат мекунад.